# ТОҶИКИСТОН | TAJIKISTAN

## USCIRF– RECOMMENDED FOR COUNTRIES OF PARTICULAR CONCERN (CPC)

Комиссияи Иёлоти Муттаҳидаи Амрико оид ба озодии дини байналмилалӣ (USCIRF) комиссияи мустақил ва дуҳизбии Ҳукумати федералии ИМА мебошад, ки ҳуқуқи умумиро ба озодии дин ва эътиқод дар хориҷи кишвар назорат мекунад. USCIRF, ки дар мутобиқат бо Қонуни байналмилалии озодии дин аз соли 1998 (IRFA) ташкил шудааст, стандартҳои байналмилалиро барои назорати нақзи озодии дин ё эътиқод дар хориҷа ба кор мебарад ва ба президент, котиби давлатӣ ва Конгресс оид ба масъалаҳои сиёсат тавсияҳо мекунад. USCIRF ниҳоди мустақил ва алоҳида аз Департаменти давлатии ИМА мебошад. Гузориши солонаи 2020 натиҷаҳои кори яксолаи кормандони ваколатдор ва мутахассисонро дар бар мегирад, ки кӯшиш кардаанд, нақзҳои дар маҳалҳо руйдодаро сабт карда, ба Ҳукумати ИМА тавсияҳои мустақили худро оид ба масъалаҳои сиёсат пешниҳод намоянд. Гузориши солонаи 2020 давраи аз январи 2019 то декабри соли 2019-ро фаро мегирад, ҳарчанд дар баъзе мавридҳо ба рӯйдодҳои муҳимме низ ишора шудааст, ки пеш ё пас аз ин давра рух додаанд. Барои дарёфти маълумоти бештар дар бораи USCIRF сомонаи онро дар инҷо бубинед ё бо USCIRF мустақиман ба рақами телефони 202-523-3240 тамос гиред.

## ХУЛОСАҲОИ АСОСӢ

Дар соли 2019 мавқеи бе ин ҳам ногувори Ҳукумати Тоҷикистон дар масъалаи озодии дин боз ҳам бадтар шуд. Режими Президент Эмомалӣ Раҳмон бо саркӯб кардани нишонаҳои диндории умумӣ тавассути намояндагони ҳамаи мазҳабҳо ва таъқиб кардани ҷамоатҳои аққалият, махсусан Салафиёни воқеӣ ва эҳтимолӣ - истилоҳе, ки ба таври васеъ корбурд мешавад - сиёсатҳои репрессивии худро идома дод. Мақомот ҷанбаҳои гуногуну мушаххаси эътиқоду бовари мардумро пайгирӣ карданд, аз ҷумла маросимҳои тӯй ва ҷанозаро маҳдуд карда, барои ришмонӣ ва ҳиҷобпӯшӣ маҳдудиятҳои ғайриқонунӣ ҷорӣ намуданд. Зери пӯшиши мубориза бо ифротгароии динӣ, ҳукумат ба шиканҷаи аъзои собиқи ҳизби мамнӯъи ҲНИТ идома дода, аъзои собиқи қатории ҳизбро маҳкум ба ҳабси тӯлонӣ кардааст ва истирдоди элитаи собиқро аз хориҷа дархост мекунад. Мақомоти Тоҷикистон намояндагони оилаҳои аъзои ҲНИТ-ро, ки дар ҷаласаи Татбиқи андозагирии инсонии (HDIM) Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо (САҲА) дар моҳи сентябр, дар Варшава сухан гуфта буданд, мавриди таҳқир қарор доданд. Ин амр боиси сарзаниши Тоҷикистон дар суханронии хотимавии ҳайати Амрико гардид.

Моҳи июли соли 2019 Президент Раҳмон фармонеро ба имзо расонид, ки воридот ва фурӯши либосҳои мансуб ба "фарҳанги миллии хориҷӣ"-ро манъ мекунад. Ин манъкунӣ ба таври васеъ ҳамчун ҳамлаи навбатӣ ба либоси занонаи мусулмонӣ дарк карда шуд. Ба занон дар айни замон пӯшидани ҳиҷоб дар ҷойҳои зиёди ҷамъиятӣ, аз ҷумла дар беморхонаю мактабҳо манъ шудааст. Васоити ахбори маҳаллӣ хабар медиҳанд, ки мақомот занони ҳиҷобпӯшро нигоҳ дошта, маълумоти шахсии онҳоро сабт мекунанд ва онҳоро водор менамоянд, ки рӯмолҳои худро бо тарзи "тоҷикӣ" банданд (нӯги рӯмолҳоро ба пушти сар банданд, то ки мӯйи сар каме намоён бошад). Моҳи декабр Нилуфар Раҷабова гузориш дод, ки ӯ ва бештар аз 20 нафар занони дигар аз ҷониби милиса дар Душанбе боздошт шуданд ва ба онҳо гуфтанд, ки агар мехоҳанд ҳиҷоб пӯшанд, ба Эрон ё Афғонистон баргарданд. Аз Раҷабова барои "авбошӣ" ҷарима ситонида шуд.

Аксари ақаллиятҳои мазҳабӣ мансубияти худро аз тарси назорати давлат ва бархӯрдҳои иҷтимоӣ пинҳон мекунанд ва нигаронихояшонро аз нақшаҳои ҳукумат дар бобати сабт кардани мансубияти динии ашхос дар саршумории аҳолии оянда изҳор менамоянд. Тавре ки дар нашрияи русизабон гузориш ёфтааст, ба шарҳи як узви порлумон, ҳукумат аллакай боварӣ дорад, ки тақрибан 90 фоизи аҳолӣ мусулмон мебошад, аз ин рӯ мақсади саршуморӣ ба таври дақиқ муайян кардани 10 фоизи боқимонда аст. Пайравони Шоҳидони Яҳува аз соли 2007 ба ин сӯ ғайриқонунӣ маҳсуб мешавад. 10 сентябри соли 2019 Шамил Ҳакимов пас аз се соли манъи фаъолият дар ташкилоти динӣ, барои баён кардани эътиқоди худ ҳамчун пайрави Шоҳидони Яҳува ба муддати ҳафтуним соли зиндон маҳкум шуд. Дар аввали соли 2019 мақомоти давлатӣ 5000 тақвими баптистиро сӯзониданд, ки он пас аз "таблиғоти дини бегона" маҳсуб шуданаш дар фурудгоҳи байналмилалии Душанбе мусодира шуда буд. Таҳаммулпазирии иҷтимоӣ ба ҷамоатҳои ақаллиятҳои мазҳабӣ коҳиш меёбад. Пайравони мазҳабҳои камтар анъанавӣ дар Тоҷикистон, ба монанди адвентиёни рӯзи ҳафтум ва пресвитерианҳо, инчунин пайравони ҷамоатҳое, ки ба минтақа робитаҳои қадимӣ доранд, ба монанди зардуштиён ва мусулмонони шиа, ҳама аз афзоиши фишору адоват аз ҷониби оилаю ҷамоат гузориш медиҳанд.

## ТАВСИЯҲО БА ҲУКУМАТИ ИМА

- Тоҷикистонро бори дигар барои нақзи мунтазам, доимӣ ва даҳшатангези озодиҳои динӣ, тавре ки дар Қонуни байналмилалии озодии дин (IRFA) муайян шудааст, ҳамчун "кишвари боиси нигарониҳои хос" ё CPC таъин кардан ва барҳам додани худдорӣ, ки озодии маъмуриятро дар қабули иқдоми қонунии иҷозатшуда дар натиҷаи ин таъинот таъмин мекунад;

- Шарт кардани кӯмаки ИМА ба Ҳукумати Тоҷикистон, ба истисноӣ кӯмакҳо барои беҳбуди шароити башардӯстона ё пешрафти ҳуқуқи инсон, ислоҳоти Қонуни дин аз соли 2009 ва беҳтар кардани шароитҳои озодии дину эътиқод;
- Ҷорӣ намудани таҳримҳои ҳадафманд нисбати агентиҳои давлатӣ ва мақомоти Тоҷикистон, ки барои нақзи шадиди озодиҳои динӣ масъуланд, бо роҳи масдуд кардани дороиҳои ин ашхос ва ё монеъ шудан ба вуруди онҳо ба ИМА аз ҷониби мақомоти молӣ ва раводиди марбут ба ҳуқуқи башар, бо ишора ба нақзи мушаххаси озодиҳои динӣ; ва
- Ба Ҳукумати Тоҷикистон дар сатҳҳои баландтарин фишор овардан, то шахсонеро, ки барои фаъолиятҳои ороми динӣ ё мансубияти динияшон дар Тоҷикистон маҳбус шудаанд, муайян ва фавран озод кунад; ба маҳалли боздошти ҳамаи маҳбусони виҷдон, аз ҷумла маҳбусоне, ки бо сабабҳои динӣ боздошт шудаанд, масъул кардан; ва ба нозирони байналмилалӣ барои назорати вазъи зиндонҳои Тоҷикистон ва таҳқиқи ошӯбҳои ахир дар зиндонҳо иҷозат додан.

## МАНБАЪҲО ВА ФАЪОЛИЯТҲОИ АСОСИИ USCIRF

- **Сафари ҳайати Комиссия:** Ҷаласаи HDIM-и САҲА дар Варшава, моҳи сентябри соли 2019
- **Нишасти иттилоотӣ:** Freedom of Religion or Belief and Security: New Policy Guidance from the OSCE
- **Бюллетени қонунгузорӣ:** Anti-Extremism Laws

## Замина

Тоҷикистон қашшоқтарин кишвари Осиёи Миёна аст ва аз соли 1992 ба ин сӯ аз ҷониби Президент Раҳмон, ки қудратро дар дасти оилаи худ нигоҳ медорад, идора мешавад. Пас аз ба сари қудрат расидани Раҳмон, Тоҷикистон ҷанги панҷсолаи шаҳрвандиро (1992–1997) паси сар кардааст, ки дар натиҷаи он беш аз 100000 нафар ҷон бохтаанд; авфи пасазҷангӣ бисёре аз мансабдорони расмии кишварро дар бар мегирифт, ки ба истифодаи шиканҷа масъул дониста шудаанд. Ҳукумати Тоҷикистон сусту хеле фасодзада аст, 40 фоизи маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварро маблағҳои пулии фиристодаи муҳоҷирони меҳнатӣ, асосан аз Русия ташкил медиҳад. Аксарияти аҳолии кишвар, тақрибан 86 фоизи он, мусулмонони суннӣ мебошанд, дар ҳоле ки мусулмонони шиа, ки асосан муқими кӯҳистони шарқиянд, тақрибан 4 фоизро ташкил медиҳанд. 10 фоизи боқимондаи аҳолӣ иборат аз православҳои рус, протестантҳо, католикҳо, шоҳидони Яҳува, буддоиён, яҳудиён, баҳоиҳо ва зардуштиён мебошад.

Муҳити ҳуқуқии озодиҳои динӣ дар Тоҷикистон пас аз қабул ва амалӣ шудани як қатор қонунҳои бениҳоят маҳдудкунанда дар соли 2009 ба таври назаррас бад шуд. Аз ҷумла, Қонун дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ барои гурӯҳҳои мазҳабӣ талаботҳои сахти бақайдгирӣ ҷорӣ кардааст; мувофиқи он фаъолиятҳои мазҳабии ба қайд гирифта нашуда, таълимоти хусусии динӣ ва таблиғоти динӣ (прозелитизм) ҷурми ҷиноӣ маҳсуб шудааст; дар бобати миқдор ва андозаи масҷидҳо маҳдудияти сахт ҷорӣ кардааст; дар таъини имомон ва мӯҳтавои хутба дахолати давлатро иҷозат медиҳад; аз ташкилотҳои динӣ барои таъмини омӯзиши динӣ ва робита бо ҳаммазҳабони хориҷӣ иҷозати расмӣ дархост менамояд; бар рӯи мӯҳтаво, нашр ва воридоти маводҳои динӣ назорати давлатӣ ҷорӣ шудааст. Гурӯҳҳои хурди протестантӣ ва дигар гурӯҳҳо зери фишори талаботҳои бақайдгирӣ мақоми расмӣ ба даст оварда наметавонанд. Тағйиротҳое, ки дар соли 2011 ва 2012 ба Кодекси ҷиноӣ ва маъмурӣ ворид шуданд як қатор ҷазоҳои нав, аз ҷумла ҷаримаҳои калон ва мӯҳлатҳои зиндон барои иттиҳомоти марбут ба дин, ба монанди ташкил ё иштирок дар ҷамъомадҳои “иҷозатнашудаи” диниро муайян намудааст. Қонуни соли 2011 оид ба масъулияти падару модарон, иштироки ноболиғон дар ҳама гуна фаъолиятҳои муташаккили динӣ, ба ҷуз маросими ҷанозаро манъ мекунад.

Дар Қонуни зидди ифротгароии Тоҷикистон тавсифи дақиқи ифротгароӣ мавҷуд нест ва дар аксари мавридҳо боздоштҳо худсарона анҷом мегиранд. Фаъолиятҳои ифротгароӣ, террористӣ ва ё инқилобӣ бидуни амалҳое, ки боиси хушунат ё таҳрика ба зӯроварӣ ҳастанд, муҷозот мешаванд ва дар мурофиаҳои судии ин гуна иттиҳомот додрасии боадолатона ва кафолатҳои мурофиавӣ мавҷуд нестанд. Ҳукумати Тоҷикистон нигаронииҳояшро оид ба ифротгароии исломӣ барои асоснок намудани амалҳои худ бар зидди шахсоне, ки дар фаъолиятҳои муайяни динию сиёсӣ иштирок мекунанд, истифода мекунад. Ҳарчанд мавҷудияти ҲНИТ, ягона ҳизби сиёсии расмии исломии собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ, як шарти созишномаи сулҳи пасазҷангӣ буд, дар моҳи сентябри соли 2015 Ҳукумати Тоҷикистон онро ҳамчун гурӯҳи ифротгаро манъ кард. Саркӯб шудани ҲНИТ аз ҷониби давлат бо кӯшишҳои он барои таъқиби густурдаи фаъолиятҳои динии исломӣ марбут мебошад; ин ҳизб ба эҳтиром кардани сарқонуни дунявӣ ва ӯҳдадориҳои байналмилалии озодии дин даъват мекард, инчунин ба маҳдудиятҳои ришмонӣ, ҳиҷоб, таълимоти динӣ ва намозгузории кӯдакон дар масҷидҳо мухолифат нишон медод. Салафия ҳамчун “чараёни ифротгаро” аз соли 2009 мамнӯъ эълон шудааст; дар натиҷа,

танҳо амали иҷро шудани маросими мусулмонӣ ба шевае, ки ҳукумат онро "хориҷӣ" ё берун аз урфу одати мактаби ҳанафии исломи суннӣ меҳисобад, фаъолияти ҷиноӣ махсуб мешавад.

### Маҳбусон

Шумораи номаълуми афрод бо иттиҳоми шубҳаовари ифротгароии мазҳабӣ ва терроризм ҳабс шудаанд ва нишонаҳои нигаронкунандае мавҷуданд, ки системаи маҳбаси кишвар барои ҷойгир кардани онҳо талош мекунад. 20 майи соли 2019 ошӯби бузурге дар маҳбаси Ваҳдат бо марги дастикам 29 маҳбус, аз ҷумла як зумра узви аршади ҲНИТ анҷом ёфт. Ин дуввумин ошӯби маҳбусон дар давоми шаш моҳ буд ва дар ҳар ду маврид Давлати Исломии Ироқу Шом (ДОИШ) масъулиятро бар дӯши худ гирифт. Нозирон метарсанд, ки низоми аз ҳад зиёд пуршудаи зиндонҳо дар Тоҷикистон заминаи мусоиде барои ҷалби одамон ба сафи ДОИШ мешавад. Шиканҷаю фасод падидаҳои маъмулӣ шудаанд ва ришвахорӣ ҳамчун воситаи муқаррарии халосӣ аз муомилаи бераҳмона арзёбӣ мешавад. Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх аз соли 2004 ба маҳбасҳои Тоҷикистон дастрасӣ надорад. 25 октябри соли 2019 мақомоти Тоҷикистон қонуни авфро қабул кард, ки мувофиқи он ба муносибати 25-умин солгарди қабули Сарқонуни кишвар тақрибан 25000 нафар аз маҳбасҳо озод хоҳанд шуд; ин рақам беш аз тахминҳое буд, ки шумораи кулли маҳбасҳоро наздики 10000 баровард мекард.

### Назорати ислом аз ҷониби Ҳукумат

Сарфи назар аз кафолатҳои конститутсионии ҷудоии дин ва давлат, ҳукумат ҳам рӯҳониёни мусулмон ва ҳам амалияи исломро таҳти назорати қатъӣ қарор додааст. Музди кори имомонро аксари вақт давлат мепардозад ва онҳо ҳамчун намояндаҳои давлат амал мекунанд. Ба рӯҳониён зарур аст, ки ба маконҳои муҳимми таърихӣ ва осорхонаҳои давлатӣ ташриф оваранд, онҳоро барои дониши нокофии фарҳанги миллӣ ва рамзҳои расмӣ метавонанд аз кор барканор кунанд. Мувофиқи хабарҳо, моҳи сентябри соли 2019 имомони ноҳияи Мастчоҳ маблағҳои пешниҳодшуда ва пардохтҳои хидмати рӯҳониёнро барои маблағгузории сохтмони шӯъбаи маҳаллии ҳизби сиёсии президент истифода кардаанд.

Дар соли 2019 ягона бинои мадрасаи ноҳияи Ховалинг ба мактаби мусиқӣ табдил шуд. Пас аз қабули Қонуни дин дар соли 2009 аксари мадрасаҳо баста шуданд. Донишомӯзон таҳсилоти диниро танҳо дар Донишгоҳи исломии Тоҷикистон метавонанд гиранд, ҳукумат имомонеро, ки дар хориҷа таҳсил кардаанд эътироф ё ба вазифа таъин намекунад. Кӯдаконе, ки аз мадрасаҳои хориҷӣ ба Тоҷикистон оварда шуданд, ба муддати номуайян дар мактаб-интернатҳои махсус барои “ислоҳ” ҷойгир шуданд ва падару модарон хабар доданд, ки ба онҳо ҳатто иҷозати ба хона овардани фарзандонашон дар рӯзҳои истироҳат дода нашуд.

### СИЁСАТИ АСОСИИ ИМА

Сиёсати ИМА дар мавриди Тоҷикистон аҳамияти амният ва робитаҳои минтақавиро таъкид мекунад. Таъмини бехатарии сарҳади Тоҷикистон бо Афғонистон ва коҳиш додани ҷараёни интиқоли маводи мухаддир ва маҳсулоти ғайриқонунӣ, ки таъмини молии гурӯҳҳои террористиро дар ин кишвар фароҳам мекунад, вазифаи афзалиятнок боқӣ мемонад. Рӯзҳои 6 ва 7 моҳи январи соли 2020, пас аз давраи солонаи гузориш, Муовини якуми Ёвари Котиби Давлатии ИМА оид ба Осиёи Ҷанубӣ ва Марказӣ Алис Ҷ. Уэллс ба Тоҷикистон ташриф оварда, изҳор дошт, ки Иёлоти Муттаҳида "ҳамкориҳои амниятии моро дар самти амнияти сарҳад, мубориза бар зидди терроризм, ҳифзи ҳуқуқ ва машқу тамринҳои муштараки низомӣ амиқтар мекунад". Ӯ чанд дафъа ба кӯмаки “бештар аз 200 миллион доллар” ишора кард, ки Ҳукумати ИМА ба Тоҷикистон барои тақвияти сарҳадхояш фароҳам кардааст, инчунин нигарониҳои худро бобати маҳдудиятҳои озодиҳои асосӣ баён намуд.

Департаменти Давлатии ИМА Тоҷикистонро аз соли 2016 ин тараф батакрор ва бори охир, моҳи декабри соли 2019 ҳамчун кишвари СРС таъин кард, аммо аз ҷорӣ кардани ҳама гуна таҳримҳои марбут ба кишвар “дар мутобиқат бо ‘манфиати муҳимми миллии ИМА’” худдорӣ кард.